# 42958 - Ӯ дар роҳ кофиреро пайдо кард, пас бояд ӯро (бо мошинаи худ) савор кунад?

**савол**

Агар инсон дар роҳ ғайримусулмонеро биёбад ва ӯ талаб намояд, ки ӯро ба мошинаш савор бикунад, ҳукмаш чист? Оё хӯрдани ғизое, ки дастони кофирон ба он расидааст, ҷоиз аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар дар роҳ ғайримусулмонеро ёфтед, ҳеҷ боке нест, ки ӯро ба мошинаи худ савор кунед, зеро Аллоҳ мефармояд:

لَا يَنْهَاكُمُ اللّهُ عَنِ الَّذِينَ لَمْ يُقَاتِلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ أَنْ تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوا إِلَيْهِمْ إِنَّ اللهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ

سورة الممتحنة: ٨

**«Аллоҳ шуморо аз некӣ кардан ва адолат варзидан нисбат ба касоне, ки дар (амри) дин бо шумо наҷангидаанд ва шуморо аз диёратон берун насохтаанд, манъ намекунад. Бегумон Аллоҳ адолатпешагонро дӯст медорад».** (Сураи Мумтаҳана: 8).

Аммо хӯрдани ғизое, ки дастони кофирон ба он расидааст, ҷоиз мебошад, зеро наҷосати кофир маънавӣ аст, на ҳиссӣ.